*УДК 340*
*ББК 67.022.14*

# ИТТИЛООТОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ: ТАҶРИБАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТҲОИ ДИГАРИ АЪЗОИ ИДМ

***Шарофзода Рустам Шароф**, д.и.ҳ., профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ; **Шокиров Ғайбулло Абдуллоевич,** н.и.ҳ., дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ИНФОРМАТИЗАЦИЯ ПРАВОТВОРЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ: ОПЫТ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ДРУГИХ ГОСУДАРСТВ-ЧЛЕНОВ СНГ

***Шарофзода Рустам Шароф**, д-р юрид. наук, профессор кафедры теории и истории государства и права юридического факультета ТНУ; **Шокиров Гайбулло Абдуллоевич,** канд. юрид.наук, доцент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# INFORMATIZATION OF LEGISLATIVE CREATIVE ACTIVITY: EXPERIENCE OF TAJIKISTAN REPUBLIC AND STATES-MEMBERS OF CIS

***Sharofzoda Rustam Sharof**, Dr. of Law, Professor of the department of theory and history of state and law under the faculty of law of the Tajik National University; **Shokirov Gaybullo Abdulloevich,** candidate of juridical sciences, Associate Professor, head of the department of theory and history of state and law under TSULBP (Tajikistan, Khujand) **E-MAIL:** shga1959@mail.ru*

***Калидвожаҳо**: иттилоотонӣ, технологияҳои иттилоотӣ, қонун, қонунгузорӣ, санади меъёрии ҳуқуқӣ, санади меъёрии электронӣ*

*Раванди иттилоъгардонии қонунгузорӣ дар заминаи муқаррароти қонунҳои давлатҳои ИДМ дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳқиқ карда шудааст. Нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар иттилоъгардонии қонунгузорӣ тавассути танзими ҳуқуқии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ муайян карда шудааст. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ умумият ва махсусияти танзими ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва иттилоъгардонии қонунгузориро муайян мекунад. Дурнамои самтҳои таҳқиқоти илмӣ дар партави рушди ҷомеаи иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамигардонии қонунгузорӣ нишон дода шудааст.*

***Ключевые слова**: информатизация, информационные технологии, закон, законодательство, нормативный правовой акт, электронный нормативный акт*

*Исследуется процесс информатизации законодательства на основе положений законов стран СНГ о нормативных правовых актах. Раскрывается роль нормативных правовых актов в информатизации законодательства посредством правового регулирования применения информационно-коммуникационных технологий. Сравнительно-правовой анализ выявляет общее и особенное в правовом регулировании нормативных правовых актов и в информатизации законодательства. Показаны перспективные направления научных исследований на фоне развития информационного общества, внедрения информационных технологий и цифровизации законодательства в ближайшей перспективе.*

***Key-words:*** *informatization, informational technologies, law, legislation, normative legal instrument, electronic normative instrument*

*The article dwells on the process of informatization on the basis of CIS countries law provisions concerned with normative legal instruments. The author of the article discloses the role of normative legal instruments in informatization of legislation by means of legal regulation beset with application of informative-communicative technologies. Comparative-legal analysis elicits the common and the special in legal regulation of normative-legal instruments and informatization of legislation. Prospective streamlines of scientific researches are shown against the background of informational society development, engrafting of informational technologies and digitalization of legislation in the nearest perspective.*

Ҷомеаи ҷаҳон ба марҳилаи нави таърихӣ – ҷомеаи ҷаҳонии иттилоотӣ қадам ниҳодааст. Дар Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми ноябри соли 2003 тасдиқ шудааст, шарҳи зерини мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» оварда шудааст: «Зинае дар рушди тамаддуни муосир, ки ба он афзоиши нақши иттилоот ва донишҳо дар ҳаёти мамлакати ҷудогона ё ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон (ҷомеаи глобалии иттилоотӣ), афзоиши ҳиссаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, маҳсулоти иттилоотӣ ва хизматрасонӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ хос аст» [17].

Дар ҳуҷҷати мазкур таъкид мегардад, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ омили муҳимтарини болоравии иқтисодиёти миллӣ, афзоиши фаъолияти корию зеҳнии ҷамъият, баландшавии обрӯю эътибори мамлакат дар ҷомеаи байналмилалӣ мебошад.

Дар Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2008 тасдиқ шудааст, истифодаи самараноки фазои иттилоотӣ чун шохаи муҳимми сиёсати иттилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад [10].

Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуни-катсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», Барномаи давлатии инкишоф ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020, Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи амалӣ намудани Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи низоми иттилоотии идоракунии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ мебошанд, ки заминаҳо ва стратегияи ташаккулу рушди ҷомеаи иттилоотиро дар Тоҷикистон муайян мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи матбуот ва воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи имзои рақамии электронӣ», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи иттилооти экологӣ», «Дар бораи амният», «Дар бораи амнияти иттилоотӣ», «Дар бораи сирри тиҷоратӣ», «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо» ва ғайра қабул шудаанд. Бо қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон Низомнома дар бораи ҳисоб ва қайди давлатии захираҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи баҳисобгирӣ ва назорат аз рафти истифодаи захираҳои давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи

ташаккул, истифода ва ҳимояи захираҳои давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи Шӯрои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, Низомномаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби расонидани нусхаи ҳатмии нашрияҳои кушоди электронӣ, барномаҳои мошинҳои электронӣ-ҳисоббарорӣ, Тартиби ташкил ва ба роҳ мондани Фонди миллии санадҳои меъёрии техникӣ ва ҳуҷҷатҳо дар соҳаи меъёрикунии техникӣ, Тартиби ҷамъ ва ҷойгир намудани иттилоот дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ дар портали Интернетии Барномаҳои рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва Барномаи рушди иқтидор ва моликияти зеҳнии инсон барои давраи то соли 2020 тасдиқ шудаанд.

Технологияҳои иттилоотӣ, ки таҳкурсии ҷомеаи иттилоотиро ташкил медиҳанд, имрӯз дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа истифода мешаванд. Онҳо дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ низ васеъ татбиқ мешаванд. Бар замми ин, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти калон дорад, зеро иттилоотонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба раванди амалисозӣ, татбиқ, тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад.

Тартиби истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муайян карда мешавад. Айни замон тавассути Қонуни мазкур маҷмӯи муносибатҳои муҳимтарин, ки бо қабул, амалисозӣ, татбиқ, тафсир, мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ робита доранд, танзим карда мешаванд. Барои ҳамин, технологияҳои иттилоотӣ дар ҳамаи давраҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла дар ҷараёни амалисозӣ, татбиқ, тафсир, мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешаванд.

Таҷрибаи давлатҳои аъзои ИДМ собит менамояд, ки қонунҳои қабулнамудаи онҳо «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» роҳҳои истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи қонун, қабул ва интишори он, мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мониторинги ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Дар қонунҳои мазкур ба иттилоотонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад.

Зикр намудан лозим аст, ки Қонун «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқукӣ» фаъолияти шумораи зиёди субъектони ҳуқуқэҷодкуниро танзим намуда, барои истифодаи меъёрҳои ягона оид ба иттилоотонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар фаъолияти ҳамаи субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Бар замми ин, дар қонунҳои давлатҳои аъзои ИДМ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрҳои ягона оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти тафсири ҳуқуқӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ, паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ пешбинӣ мешаванд.

Дар қонунҳои давлатҳои аъзои ИДМ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки солҳои охир мавриди тағйиру иловаҳо қарор дода шудаанд, ё дар таҳрири нав қабул шудаанд, бобҳо ва моддаҳои алоҳида оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, тафсири ҳуқуқӣ, мониторинги ҳуқуқӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ пешбинӣ мешаванд. Меъёрҳои зикршуда ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, амалисозӣ, татбиқ, тафсири ҳуқуқ, мураттабсозии қонунгузорӣ, тарғибу ташвиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шаклҳои гуногуни паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ дар ИДМ мусоидат менамоянд. Бар замми ин, меъёрҳои мазкур барои ҳалли вазифаҳои давлат дар самти иттилоотонии ҷомеа, ташаккулу рушди ҷомеаи иттилоотӣ, таъмини фазои ягонаи иттилоотӣ-ҳуқуқӣ, ҳимояи фазои иттилоотии миллӣ,

робитаи судманд бо ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ заминаи кофии ҳуқуқиро таъмин мекунанд.

Лозим ба зикр аст, ки пештар дар қонунҳои давлатҳои аъзои ИДМ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба танзими ҳуқуқии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳи зиёд дода намешуд. Солҳои охир дар ҳамаи қонунҳои мазкур истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бевосита танзим мешавад. Ҳамаи ин натиҷаи рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» солҳои 1998, 2003, 2009, 2017 дар таҳрири нав қабул шудааст. Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» 12-уми апрели соли 2017 аз тарафи Маҷлиси намояндагон қабул шуда, 18-уми майи соли 2017 аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ гардида, 30-юми майи соли 2017 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шудааст [13]. Ба Қонуни мазкур 19 июли соли 2019 тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд.

Қонун «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар Ҷумҳурии Қирғизистон соли 1996 қабул шуда буд. Ба Қонуни мазкур солҳои 1999, 2002, 2004, 2005, 2006, 2007 тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст. Соли 2009 Қонуни нав «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қабул шудааст, якчанд таҳрири Қонуни мазкур вуҷуд дорад. Охирин таҳрири он 20 июли соли 2017 сурат гирифтааст [6].

Дар Гурҷистон, ки пештар узви ИДМ буд, Қонун «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» 19 ноябри соли 1996 қабул шуд. Қонуни нав «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» 22 октябри соли 2009 қабул шудааст [2].

Дар Федератсияи Русия якчанд лоиҳаи Қонун «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия шудааст. Лоиҳаи якуми Қонуни мазкур ҳанӯз соли 1996 ба Думаи давлатӣ пешниҳод ва дар хониши якум қабул шудааст, вале ба хониши дуюм пешниҳод нашудааст [12; 15; 16]. Лоиҳаи дигари Қонуни мазкур, ки аз тарафи Вазорати адлияи Федератсияи Русия таҳия шуда буд, 26-уми декабри соли 2014 ба муҳокимаи ҷамъиятӣ пешниҳод гардид. Заминаи онро лоиҳаи Қонун, ки аз тарафи олимони Институти қонунгузорӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии назди Ҳукумати Федератсияи Русия (Т.Я. Хабриева, Ю.А. Тихомиров ва диг.) таҳия шудааст, ташкил медиҳад. Зимни муҳокимаи лоиҳаи Қонуни мазкур, ки аз тарафи Вазорати адлия таҳия шудааст, як қатор олимон ба камбудиҳои он ишора намуданд. Чунончи, В.М. Баранов, Н.А. Красилникова, А.Р. Лаврентев ва дигарон таъкид мекунанд, ки дар лоиҳаи Қонун меъёрҳои махсус оид ба технологияи ҳуқуқӣ пешбинӣ намешаванд, санадҳои локалӣ ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Руссия дохил карда намешаванд, номгӯйи пурраи сарчашмаҳои ҳуқуқ сарфи назар шудааст ва ғайра.

Дар як қатор давлатҳои аъзои ИДМ солҳои 2016-2018 қонунҳои нав «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ё таҳрири нави онҳо қабул шудаанд. Ҳоло дар давлатҳои пасошӯравӣ қонунҳои зерин амал мекунанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 17 июли соли 2018 [7];
- Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи санадҳои ҳуқуқӣ» аз 6 апрели соли 2016 (бо тағйиру иловаҳо аз 11 апрели соли 2019);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 12 апрели соли 2017;
- Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 14 декабри соли 2000 (дар таҳрири нав аз 8 январи соли 2019);
- Қонуни Ҷумҳурии Молдова «Дар бораи санадҳои меъёрӣ» аз 22 декабри соли 2017;
- Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 марти

соли 2018 (дар таҳрири нави Қонун аз 26 июни соли 2018) [8];

- Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Озарбойҷон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 21 декабри соли 2010 (дар таҳрири Қонун аз 30 сентябри соли 2016);

- Қонуни Туркманистон «Дар бораи санадҳои ҳуқуқӣ» аз 26 августи соли 2017 (дар таҳрири Қонун аз 9 июни соли 2018);

- Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Қирғизистон» аз 20 июли соли 2009 г. (дар таҳрири Қонун аз 20 июли соли 2017).

Тавре мушоҳида мешавад, дар бештари давлатҳои пасошӯравӣ Қонун «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қабул шудааст. Айни замон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» амал мекунад. Дар Ҷумҳурии Молдова Қонун «Дар бораи санадҳои меъёрӣ», дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Туркманистон бошад, Қонун «Дар бораи санадҳои ҳуқуқӣ» қабул шудааст.

Чи хеле ки зикр гардид, дар қонунҳои давлатҳои пасошӯравӣ дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ меъёрҳои алоҳида оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ пешбинӣ шудааст. Ин меъёрҳо муносибатҳои ҷамъиятиро, ки дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муҳокима, қабул ва интишори онҳо, инчунин тафсир, мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мониторинги ҳуқуқӣ пайдо мешаванд, танзим мекунанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» як қатор меъёрҳо, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро танзим менамоянд, пешбинӣ мешаванд. Аз ҷумла дар б. 1-и м. 5-уми Қонуни мазкур бо мақсади таъмини ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тадбирҳои зерини ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд: пешниҳоди маълумот ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдор оид ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ; интишори санади меъёрии ҳуқуқии қабулгардида дар нашрияҳои расмӣ, воситаҳои дигари ахбори омма ё бо тарзу воситаҳои дигар расонидани ин санад ба маълумоти омма, аз ҷумла бо воситаҳои электронӣ; муҳайё намудани имконият ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдор барои шиносоӣ бо мазмуни санади меъёрии ҳуқуқии қабулгардида.

Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Тибқи б. 2-юми м. 5-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ мумкин аст барои муҳокимаи умум тавассути воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла дар сомонаҳои расмии субъектони ваколатдори ҳуқуқэҷодкунанда интишор карда шавад. Табиист, ки муқаррароти мазкур ба санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқие, ки маълумоти дорои сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд, паҳн намешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёри махсуси ҷудогона ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бахшида шудааст. Тибқи м. 6-уми Қонуни мазкур технологияи иттилоотӣ дар даврҳои банақшагирии таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳияи лоиҳа, қабул, интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастрас намудани маълумот оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешавад. Ба ибораи дигар гӯем, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ на танҳо ба даврҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, балки паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ низ паҳн мешавад.

Дар б. 3-юми м. 6-уми Қонуни мазкур роҳҳои зерини истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пешбинӣ мешаванд:

- ҷойгир намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сомонаҳои расмии мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда (ба истисно лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки маълумоти дорои

сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд);

- истифодаи сомонаҳои расмӣ бо мақсади муҳокимаи пешакии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда дар сомонаҳои расмии мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда (ба истисноӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки маълумоти дорои сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд);
- истифодаи шаклҳои электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- истифодаи махзанҳои ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- истифодаи шакли электронии паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- таъмини ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар ҳамаи даврахои ҳуқуқэҷодкунӣ;
- паҳн намудани иттилоот оид ба ҷаласаҳои мақомоти қонунгузор, дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- паҳн намудани иттилооти дигар оид ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ.

Дар м. 8-уми Қонуни мазкур интишор ва ба маълумоти омма расонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба гурӯҳи талаботе, ки ба ин санадҳо паҳн мешаванд, дохил карда шудааст.

Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки номгӯи соҳаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад, барои пешбурди Махзани мутамаркизи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад (м. 15 Қонуни номбурда).

Технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни банақшагирии таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ истифода мешаванд (м. 30 Қонун). Чунин нақшаҳо аз тарафи субъектони дахлдори ҳуқуқэҷодкунӣ дар сомонаи расмии онҳо ҷойгир карда мешаванд (б. 4 м. 31 Қонун). Нақшаи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири имконпазир доранд, ба Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид карда мешаванд (б. 1 м. 34 Қонун). Лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири тамзимкунӣ ҷойгир карда мешавад (б. 2 м. 36 Қонун).

Дар м. 39-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳум ва унсурҳои Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд. Портали интернетӣ чун махзани электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои таъсири имконпазир ба субъектҳои соҳибкорӣ, ки дар шакли электронӣ бо забони давлатӣ ва забони русӣ пеш бурда мешавад, тавсиф мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба мақоми ҳуқуқэҷодкунандаи дахлдор дар як вақт ҳам дар ҳомили коғазӣ ва ҳам дар ҳомили электронӣ бо забони давлатӣ ва забони русӣ пешниҳод карда мешавад (б. 2 м. 63 Қонун «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»).

Дар м. 66-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» сарчашмаҳои расмии интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Ба ин сарчашмаҳо дохил мешаванд: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», рӯзномаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ. Қонун имконияти интишори ғайрирасмии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар нашрияҳои чопӣ ва электронии ғайрирасмӣ пешбинӣ мекунад (м. 70).

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дастрасии озоди санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро (ба истиснои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро) кафолат медиҳад (м. 74). Дар Қонуни мазкур бо мақсади таъмини дастрасии озоди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ уҳдадориҳои муайян ба зиммаи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор гузошта мешаванд. Аз ҷумла, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор уҳдадоранд санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар сомонаи Интернет ҷой диҳанд, дастрасии иттилоотро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъмин намоянд (м. 74).

Дар м. 93-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳум ва тартиби пешбурди Махзани мутамаркизи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Аз ҷумла, Махзани мутамаркизи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун низоми электронии мутамаркизи иттилооти ҳуқуқӣ тавсиф мегардад.

Тавре мушоҳида мешавад, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрҳои махсус оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ифодаи худро ёфтаанд. Бояд зикр намуд, ки ақидаи ифодаи меъёрии қоидаҳои махсуси танзимкунандаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иттилоотонии қонунгузорӣ дар адабиёти илмӣ ҷонибдорони зиёд дорад [1, с. 7; 19, с. 105].

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Тоҷикистон низ танзим мешавад. Чунончи, тибқи «Тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2018, таҳти № 167 тасдиқ шудааст, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи мақомоти номбаршуда ва Бонки миллӣ дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ё «Садои мардум» ройгон расман интишор карда мешаванд. Ҳамчунин, матни пурраи санадҳои мазкур ҳатман дар сомонаи расмии мақоми қабулкунандаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷой дода мешавад.

Таҳлили қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ нишон медиҳад, ки иттилоотонии қонунгузорӣ бо истифодаи сомонаҳои интернетӣ, порталҳои иттилоотӣ маҳдуд намешавад. Технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни амалисозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мониторинги ҳуқуқӣ, тафсири ҳуқуқӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ низ истифода мешаванд. Дар як қатор давлатҳои аъзои ИДМ таҷрибаи интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сомонаҳои ташкилотҳои ғайридавлатӣ, дар манбаъҳои иттилоотии ғайрирасмӣ ташаккул ёфта истодааст.

Дар адабиёти илмӣ дар робита бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ мафҳумҳои нави илмӣ, аз қабили «санади меъёрии ҳуқуқии электронӣ», «санади меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли ҳуҷҷати электронӣ», «Интернет-портал», «сомонаи расмии мақоми ҳуқуқэҷодкунӣ», «сомонаи Интернет», «веб-сайт», «Махзани мутамаркизи иттилооти ҳуқуқӣ» ва ғайра пешкаш карда мешаванд ва мавриди таҳлил қарор мегиранд. Мафҳумҳои мазкур, дар қонунҳои давлатҳои аъзои ИДМ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» истифода мешаванд.

Ба андешаи муҳаққиқон, солҳои наздик дар баробари иттилоотонии қонунгузорӣ, ҳамчунин рақамигардонии қонунгузорӣ аҳаммияти муҳим пайдо мекунад. Тавре С.В. Липен қайд мекунад, иттилоотонӣ натиҷаи инқилоби саноатии сеюм буда, бо истифодаи Интернет, компютер, барномаҳо, гаджетҳо алоқаманд аст, рақамигардонӣ бошад, давраи чоруми инқилоби саноатиро ташкил дода, истифодаи ақли сунъӣ, мошинҳои иттилоотии таълимдиҳанда, таъминоти барномавии нав, технологияҳои компютерии навтаринро пешбинӣ мекунад [14, с. 22].

Дар илми ҳуқуқшиносии пасошӯравӣ бо дарназардошти истифодаи тарзҳо ва шаклҳои анъанавии интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мафҳуми санадҳои мазкур, ба ҳайси ҳуҷҷати ҳуқуқӣ, ки дар шакли ҳомили коғазӣ нашр шудааст, истифода мешавад. Нашрияҳои чопӣ мисли пештара шакли асосии интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шарти интишори онҳо дар нашрияҳои ғайрирасмӣ маҳсуб мешавад. Чунончи, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар нашрияҳои ғайрирасмӣ, паҳн намудани онҳо тавассути системаҳои иттилоотии электронии қонунгузорӣ танҳо пас аз интишори онҳо дар нашрияҳои расмӣ имконпазир аст [3].

Айни замон дар як қатор давлатҳои аъзои ИДМ технологияҳои нави иттилоотӣ зимни интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ васеъ истифода мешаванд. Дар ин ҳолатҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли ҳам ҳуҷҷати меъёрии нашршуда ва ҳам ҳуҷҷати электронӣ, ки аҳаммияти расмӣ дорад, баромад мекунад. Чунончи, дар қонунҳои Қазоқистон ва Туркманистон ду мафҳуми санади меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешавад: 1) ҳуҷҷати ҳуқуқии расмӣ дар «ҳомили коғазӣ»; 2) ҳуҷҷати ҳуқуқиии расмӣ дар шакли «ҳуҷҷати электронӣ». Ҳар ду шакли санади меъёрии ҳуқуқӣ эътибори расмӣ дорад [4; 5].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳомили ҳам коғазӣ ва ҳам электронӣ пешбинӣ шудааст. Санади меъёрии ҳуқуқӣ дар як вақт дар ду шакл интишор мешавад [6].

Чунин таҷриба дар як қатор давлатҳои дигари пасошӯравӣ низ истифода мешавад. Дар ин давлатҳо санади меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳомили коғазӣ (анъанавӣ) ва электронӣ интишор мешавад. Дар ҳар ду ҳолат санади меъёрии ҳуқуқӣ пас аз интишор шуданаш дар нашрияҳои расмӣ ва дар шакли ҳуҷҷати электронӣ эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Эътибори ҳуқуқии интишори нашрӣ ва электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо ҳам баробар карда мешавад.

Айни замон дар як қатор давлатҳои аъзои ИДМ таҷрибаи дигар ташаккул ёфта истодааст. Чунончи, қонунҳои ҷумҳуриҳои Беларус ва Арманистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ мекунанд, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли электронӣ интишор мешавад. Тавре мушохида мешавад, таҷрибаи қонунгузории ин давлатҳо шакли анъанавии интишори санади меъёрии ҳуқуқиро бо шакли нави электронӣ иваз мекунад.

Дар як қатор кишварҳои пасошӯравӣ технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни гардиши ҳуҷҷатҳо низ истифода мешаванд. Чунончи, тибқи қонунҳои Қазоқистон, Беларус, Молдова «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» гардиши электронии ҳуҷҷатҳо тавассути имзои электронӣ сурат мегирад [9].

Дар шароити рушди илмӣ-техникӣ нуфуз ва аҳамияти санадҳои (ҳуҷҷатҳои) техникӣ меафзояд. Дар як қатор давлатҳои пасошӯравӣ ба танзими ин санадҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Чунончи, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санадҳои меъёрии ҳуқуқии техникӣ дар сомонаҳои интернетии мақомоти давлатӣ, ки онҳоро тасдиқ намудаанд, инчунин дар дигар манбаъҳои интернетӣ ҷойгир карда мешаванд.

Технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни тафсири ҳуқуқӣ низ истифода мешаванд. Чунончи, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи санадҳои ҳуқуқӣ» санади тафсири расмии санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сомонаи интернетии мақомоти давлатӣ ё шахси мансабдори дахлдор ҷойгир карда мешавад.

Дар бештари давлатҳои пасошӯравӣ, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои Суди конститутсионӣ дар нашрияи расмӣ интишор мешаванд. Айни замон дар як қатор

давлатҳои пасошӯравӣ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ин соҳа пешбинӣ мешавад. Чунончи, тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Озарбойҷон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қарорҳои Суди конститутсионӣ оид ба татбиқи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ ҳатман дар шакли электронӣ интишор мешаванд [11].

Қонунҳои давлатҳои пасошӯравӣ дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз он ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мониторинги ҳуқуқиро пешбинӣ мекунанд. Айни замон дар ин соҳа низ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар назар дошта мешавад. Аз ҷумла, муаллифони лоиҳаи Қонуни Федералии Федератсияи Руссия «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёри махсусро бобати ҷойгир намудани натиҷаҳои мониторинги ҳуқуқӣ (маърӯзаҳо, иттилооти таҳлилӣ ва дигар) дар сомонаҳои расмии Интернет пешкаш мекунанд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи санадҳои ҳуқуқӣ» натиҷаҳои мониторинги ҷамъиятии қонунгузорӣ, ки ба манфиатҳои соҳибкорон дахл доранд, ҳамасола дар сомонаи интернетии Палатаи миллии соҳибкорон бояд ҷойгир карда шаванд. Чунин меъёр аҳаммияти фарҳангӣ-тарбиявӣ дорад, зеро барои ҷалби соҳибкорон ва ниҳодҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ ба фаъолияти қонунгузорӣ, паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ дар ҷомеа мусоидат менамояд.

Дар қонунҳои як қатор давлатҳои пасошӯравӣ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди мураттабсозии қонунгузорӣ пешбинӣ мешавад. Чунончи, дар Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» инкорпоратсияи электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ мешавад. Тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Озарбойҷон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Маҷмӯи қонунҳо дар шакли электронӣ нашр мешавад.

Дар давлатҳои пасошӯравӣ ба таъмини фазои ягонаи ҳуқуқии давлатҳои аъзои ИДМ, аз он ҷумла дар соҳаи иттилоотонии қонунгузорӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Чунончи, дар «Қонуни намунавии ИДМ оид ба амалисозии коргузории меъёрэҷодкунӣ дар заминаи системаи автоматии таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрӣ» меъёрҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо мақсади ташкили захираи ягонаи иттилооти ҳуқуқии ИДМ пешбинӣ мешаванд. Он барои ҳамоҳангсозии фаъолияти меъёрэҷодкунии давлатҳои аъзои ИДМ, гардиши ҳуҷҷатҳо, пешгирии ихтилофоти ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Системаи автоматии таҳияи санадҳои меъёрӣ («АС ПНА») дар ҳамаи давраҳои ҳуқуқэҷодкунӣ истифода шуда, лоиҳаи санади меъёрӣ, тамоми иттилоотро оид ба қабул ва имзои санади меъёрӣ, шиносномаи электронии санади меъёриро дар бар мегирад. Он бо мақсади ҷамъ, нигоҳдорӣ, истифода, мубодилаи иттилоот оид ба санадҳои меъёрии давлатҳои аъзои ИДМ пеш бурда мешавад.

Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ ва Созмони ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи алоқа дар моҳи декабри соли 2002 Созишномаи ҳамкориро дар соҳаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои қонунгузории намунавӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва алоқа ба имзо расониданд. Он барои наздик намудани қонунгузории миллии давлатҳои аъзои ИДМ дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, дар давлатҳои пасошӯравӣ ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти қонунгузорӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Дар қонунҳои давлатҳои аъзои ИДМ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрҳои махсус оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ҳамаи давраҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, дар ҷараёни тафсири ҳуқуқӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ, амалисозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мониторинги

ҳуқуқӣ пешбинӣ мешаванд. Иттилоотонии раванди ҳуқуқэҷодкунӣ имрӯз яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ махсуб мешавад. Айни замон солҳои наздик рақамигардонии қонунгузорӣ ба мадди аввал мебароянд.

***Пайнавишт:***


1. *Бошно С.В. Проект закона о нормативных правовых актах: столкновение правотворчества, теории и практики // Государство и право. – 2015. – № 11. – С. 7-22.*
2. *Закон Грузии «О нормативных актах»: [электроный источник]: режим доступа: http://www.matsne.gov.ge (дата обращения: 23.11.2019).*
3. *Закон Республики Узбекистан «О нормативных правовых актах» от 14 декабря 2000 г., № 160-II (в ред. законов Республики Узбекистан по состоянию на 08.01.2019) // Национальная база данных законодательства Республики Узбекистан [электронный источник]: режим доступа: URL: http://www.lex.uz/acts/2105726 (дата обращения: 23.11.2019).*
4. *Закон Республики Казахстан «О правовых актах» от 6 апреля 2016 г. № 480-V (с изм. и доп. по состоянию на 11.04.2019) // ИС «Параграф» [электронный источник]: режим доступа: URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=37312788№pos=3;-245 (дата обращения: 23.11.2019).*
5. *Закон Туркменистана «О правовых актах» от 26 августа 2017 г., № 589-V (в ред. Закона Туркменистана от 09.06.2018, № 32-VI) // Законодательство стран СНГ. [электроный источник]: режим доступа: URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=98294 (дата обращения: 23.11.2019).*
6. *Закон Кыргызской Республики «О нормативных правовых актах Кыргызской Республики» от 20 июля 2009 г., № 241 (в ред. законов Кыргызской Республики по состоянию на 20.07.2017) // Централизованный банк данных правовой информации Кыргызской Республики [электронный источник]: режим доступа: URL: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ ru-ru/202591 (дата обращения: 23.11.2019).*
7. *Закон Республики Беларусь «О нормативных правовых актах» от 17 июля 2018 г., № 130-З // ЭТАЛОН. Законодательство Республики Беларусь / Национальный центр правовой информации Республики Беларусь [электронный источник]: режим доступа: https://www.etalonline.by (дата обращения: 23.11.2019).*
8. *Закон Республики Армения «О нормативных правовых актах» от 28 марта 2018 г., № ЗР-180 (в ред. Закона Республики Армения от 26.06.2018 № ЗР-340) // Правовая информационная система Армении [электронный источник]: режим доступа: URL: https://www.arlis.am/DocumentView.aspx?DocID=129477 (дата обращения: 23.11.2019).*
9. *Закон Республики Молдова «О нормативных актах» от 22 декабря 2017 г. № 100 // Registrul de Stat al Actelor Juridice ale Republicii Moldova [Государственный реестр правовых актов Республики Молдова]: [электронный источник]: режим доступа: URL: http://lex.justice.md/ru/373698%20/ (дата обращения: 23.11.2019).*
10. *Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/base/ (санаи муроҷиат: 7.08.2020).*
11. *Конституционный закон Азербайджанской Республики «О нормативных правовых актах» от 21 декабря 2010 г., № 21-IVKQ (в редакции Конституционного закона Азербайджанской Республики от 30.09.2016, № 304-VKQD) // Законодательство*

*стран СНГ [электронный источник]: режим доступа: URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=33085 (дата обращения: 23.11.2019).*
12. *Концепция Федерального закона «О нормативных правовых актах в Российской Федерации» // Журнал российского права. – 2013. – № 3 (195). – С. 84-99.*
13. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – № 5. – Мод. 99.*
14. *Липень С.В. Законы о нормативных правовых актах СНГ: индикаторы процессов информатизации и цифровизации системы законодательства // Актуальные проблемы российского права. – 2019. – № 8 (105). – С. 22-33.*
15. *О нормативных правовых актах в Российской Федерации (инициативный проект федерального закона). – 5-е изд., перераб. и доп. / рук. авт. кол. Т. Я. Хабриева, Ю. А. Тихомиров. – М., 2019. – 88 с.*
16. *Проект федерального закона «О нормативных правовых актах в Российской Федерации» (инициативный законопроект). – М., 2013. – 70 с.*
17. *Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон»: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/base/ (санаи муроҷиат: 7.08.2020).*
18. *Тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: [манбаи электронӣ]:реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/base/ (санаи муроҷиат: 20.04.2020).*
19. *Черепанов В. А. О проекте Федерального закона «О нормативных правовых актах в Российской Федерации» // Журнал российского права. – 2014. – № 3 (207). – С. 105-111.*

**Reference Literature:**

1. *Boshno S.V. Law Project in Regard to Normative Legal Instruments: Collision of Legislation Creativity, Theory and Practice // State and Law. – 2015, №11. – pp. 7 – 22.*
2. *Georgia Law " On Normative Instruments"" [Electronic resource]. Regime of availability: http://www.matsne.gov.ge (Date of appeal: 23.11.2019).*
3. *Uzbekistan Republic Law "On Normative Legal Instruments" from December 14, 2000, №160-II (in the recension of Uzbekistan Republic laws in the state for 08.01.2019) // National Base of Legislation Data of Uzbekistan Republic [Electronic resource]: Regime of availability: URL: http://www.lex.uz/acts/2105726 (Date of appeal: 23.11.2019).*
4. *Kazakhstan Republic Law "On Legal Instruments" from April 6, 2016, №480-V (with alterations and addenda according to the state for 11.04.2019 // "Paragraph" [Electronic resource]: regime of availability: URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=37312788№pos=3;-245 (Date of appeal: 23.11.2019).*
5. *Turkmenistan Law "On Normative Legal Instruments" from August 26, 2017, №589-V (in the recension of the Law of Turkmenistan from 09.05.2018, №32-VI) // CIS Countries Legislations (electronic resource): regime of availability: URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=98294 (Date of appeal: 23.11.2019).*
6. *Kyrgyz Republic Law "On Normative Legal Instruments of Kyrgyz Republic from July 20, 2009, №241" (in the recension of Kyrgyz Republic Laws according to the state for 20.07.2017) // Centralization Bank for Legal Information Data of Kyrgyz Republic*

*[electronic resource]: regime of availability: URL: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ ru-ru/202591 (Date of appeal: 23.11.2019).*

7. *Belarus Republic Law "On Normative Legal Instruments" from July 17, 2018, №130-З // Belarus Republic Legislation // National Centre of Legal Information of Belarus Republic [electronic resource]: regime of availability: https://www.etalonline.by (Date of appeal: 23.11.2019).*
8. *Armenia Republic Law "On Normative Legal Instruments" from March 28, 2018, №ЗР-180 (in the recension of Armenia Republic Law from 26.06.2018 // Legal Informational System of Armenia [electronic resource]: regime of availability: URL: https://www.arlis.am/DocumentView.aspx?DocID=129477 (Date of appeal: 23.11.2019).*
9. *Moldova Republic Law "On Normative Legal Instruments" from December 22, 2017, №100 // Registrul de Stat at Octelor Juridice ale Republicii Moldova [State Inventory of Legal Instruments of Moldova Republic]: [electronic resource]: regime of availability: URL: http://lex.justice.md/ru/373698%20/ (Date of appeal: 23.11.2019).*
10. *State Political-Informational Conception of Tajikistan Republic [electronic resource]: regime of availability: http://www.adlia.tj/base/ (Date of appeal: 7.08.2020).*
11. *Constitutional Law of Azerbaijan Republic "On Normative Legal Instruments" from December 21, 2010, №21-IVKA (in the recension of the Constitutional law of Azerbaijan Republic from 30.09.2016, №304-VKQD) // Legislation of CIS Countries [electronic resource]: regime of availability: URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=33085 (Date of appeal: 23.11.2019).*
12. *Conception of the Federal Law "On Normative Legal Instruments in Russian Federation" Journal of Russian Law. – 2013, №3 (195). – pp. 84 – 99.*
13. *Tajikistan Republic Law " On Normative Legal Instruments" Information from Majlisi Oli (Supreme Council) of Tajikistan Republic. – 2017, №5. – Module 99.*
14. *Lipen S.V. Laws on CIS Normative Legal Instruments: Indicators of the Processes of Information and Digitalization of Legislation System // Actual Problems of Russian Law. – 2019, №8 (105). – pp. 22 -33.*
15. *On Normative Legal Instruments in Russian Federation (initiative project of federal law). – The 5-th edition, revised and enlarged // chiefs of the collective of authors: T.Ya. Habriyeva, Yu.A. Tihomirov. – M., 2019. – 88 pp.*
16. *Federal Law Project "On Normative Legal Instruments in Russian Federation" (initiative project of federal law). – M., 2013. – 70 pp.*
17. *State Strategy "Informative-Communicational Technologies for Tajikistan Development [electronic resource]: regime of availability: http: http://www.adlia.tj/base/ (Date of appeal: 7.08.2020).*
18. *The Order of Official Publication of Normative-Legal Instruments Coming from Ministries, State Committees, Organs under the Auspices of Tajikistan Republic President, Tajikistan Republic Government and National Bank of Tajikistan Republic: [electronic resource]: regime of availability: http: http://www.adlia.tj/base/ (Date of appeal: 20.04.2020).*
19. *Cherepanov V.A. On Federal Law Project "On Normative Legal Instruments in Russian Federation" // Journal of Russian Law. – 2014, №3 (207). – pp. 105 – 111.*